# СОЗИШНОМА

**байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нуқтаҳои гузаргоҳ дар сарҳади давлатии Хитои ва Тоҷикистон ва тартиби фаъолияти онҳо**

Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Тарафҳо» номида мешаванд,

бо дарназардошти мувофиқати Тарафҳо аз моҳи декабри соли 1996 дар бораи кушодани гузаргоҳи тиҷоратии муваққатӣ дар ағбаи Қарасу (Ҷумҳурии Халқии Хитой) — Кулма (Ҷумҳурии Тоҷикистон);

ба мақсади таҳким ва инкишофи минбаъдаи муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ, ташвиқ ва мусоидат ба густариши соҳаи тиҷорат, фароҳам овардани шароити мусоид барои робитаи байни мардумон;

дар асоси баробарӣ ва манфиати мутақобила,

**ба мувофиқати зайл расиданд:**

**Моддаи 1**

Тарафҳо ба кушодани нуқтаҳои гузаргоҳи мошингарди байналхалқӣ дар ағбаи Қарасу (Ҷумҳурии Халқии Хитой) — Кулма (Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои кашонидани мусофирон ва борҳо мувофиқат намуданд. Нуқтаҳои мазкур гузаргоҳи байналмилалӣ барои дохил ва хориҷ шудани мусофирон, воситаҳои нақлиёт, ворид ва содир намудани бор ва молҳои Тарафҳо ва кишварҳои сеюм мебошанд ва мақоми гузаргоҳи ҳамлу нақли транзити байналхалқиро доранд. Нуқтаҳо дар сарҳади Хитой ва Тоҷикистон, дар тарафи Хитой дар уезди худмухтори Тоҷикони Тошқурғони округи Кошғари ноҳияи худмухтори Синзян-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дар тарафи Тоҷикистон дар ноҳияи Мурғоби вилояти худмухтори Бадахшони Кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ мебошанд.

1.2. Таърихи расмии кушодани нуқтаҳои гузаргоҳи мазкурро Тарафҳо ба таври иловагӣ бо роҳҳои дипломатӣ муайян менамоянд. Ҳуҷҷатҳои дахлдор дар ин бобат илова ба ин Созишнома хоҳанд шуд.

1.3. Идора кардани воситаҳои нақлиёти Тарафҳо, ки аз нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур дохил ва хориҷ мешаванд, мутобиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нақлиёти автомобилӣ, ки соли 1999 ба имзо расидааст, сурат мегирад.

Идора кардани воситаҳои нақлиёти кишварҳои сеюмро, ки аз нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур дохил ва хориҷ мешаванд, мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо ва кишварҳои дахлдор аз тариқи ҳамоҳангсозӣ муайян хоҳанд кард.

Идора кардани борҳое, ки аз нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур ворид ва содир мешаванд, мутобиқи қонунҳо ва қоидаҳои ҷории Тарафҳо амалӣ мегардад.

**Моддаи 2**

2.1. Шаҳрвандони Тарафҳо, ки аз нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур дохил ва хориҷ мешаванд, шиносномаҳои амалкунанда ё дигар ҳуҷҷатҳои сафари байналхалқиро, ки Тарафҳо эътироф мекунанд, бояд бо худ дошта бошанд ва аҳкоми ҷории созишномаҳои дахлдори байни Тарафҳоро дар бораи рафтуомади дуҷониба риоя намоянд.

2.2. Шаҳрвандони кишварҳои сеюм, ки аз нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур дохил ва хориҷ мешаванд, шиносномаҳои амалкунанда ё дигар ҳуҷҷатҳои сафари байналхалқиро бо раводиди амалкунандаи Тарафи дигар, агар созишномаҳои байналхалқӣ, ки Тарафҳо аъзои он ба ҳисоб мераванд, тартиби дигарро тақозо накунанд, бояд бо худ дошта бошанд.

**Моддаи 3**

Бастан, муваққатан қатъ намудан ё маҳдуд сохтани гузаштан аз нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур, инчунин тағйир додани фаъолият ва ғайра аз тариқи мубодилаи ёддоштҳо ё бо роҳҳои дигар дар асоси машваратҳои Тарафҳо сурат мегиранд. Ҳуҷҷатҳои дахлдор дар ин бобат илова ба ин Созишнома хоҳанд шуд.

**Моддаи 4**

4.1. Нуқтаҳои гузаргоҳи мазкур мавсимӣ ба ҳисоб мераванд ва ҳамасола аз 1 май то 31 октябр кушода мебошанд.

4.2. Ҳар яке аз Тарафҳо, ба мақсади ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва амнияти давлатии худ, ё ҳангоми офатҳои ҷиддии табиӣ, хуруҷи бемориҳои сирояткунанда, эпидемияҳои ҳайвонот ва рустаниҳо, аз ҷумла хатари эҳтимоли паҳншавии онҳо ва сабабҳои ҷиддии дигар метавонад гузаштанро аз нуқтаи гузаргоҳ муваққатан бибандад ё маҳдуд намояд. Дар ин ҳолат ин Тараф Тарафи дигарро бояд дар муддати на камтар аз 5 шабонарӯз огоҳ созад.

4.3. Дар ҳолатҳои фавқулъода огоҳие, ки дар банди 2 ин Модда омадааст, метавонад 24 соат пеш аз муваққатан бастан ё маҳдуд намудани гузаштан аз нуқтаи гузаргоҳ, сурат гирад.

**Моддаи 5**

Мақомоти назоратӣ-тафтишотии нуқтаҳои гузаргоҳи Тарафҳо вазифаҳои хидматии худро мутобиқи қонун ва қоидаҳои миллии худ, созишномаҳои дахлдори Тарафҳо анҷом медиҳанд ва инчунин тартиби гузаронидани ҷаласа ва вохӯриҳои дахлдорро муайян менамоянд.

**Моддаи 6**

Шахсоне, ки аз нуқтаҳои гузаргоҳ мегузаранд ва дар қаламрави Тарафи дигар қарор мегиранд, бояд қонун ва қоидаҳои кишвари иқоматро риоя намоянд.

**Моддаи 7**

Дар ҳоли зарурат Тарафҳо дар асоси мувофиқати мутақобила метавонанд ба ин Созишнома тағйирот ва иловаҳо ворид кунанд.

**Моддаи 8**

Масъалаҳои баҳсталаб, ки ҳангоми тафсир ва ё татбиқи аҳкоми ин Созишнома ба миён меоянд, аз тариқи гуфтушунид ва машваратҳо ҳал хоҳанд шуд.

**Моддаи 9**

Ин Созишнома аз рӯзи ба имзо расидан эътибор пайдо мекунад ва ба муддати 5 сол амал менамояд. Он ҳар маротиба худ ба худ ба муддати панҷсолаҳои дигар дароз карда мешавад, агар яке аз Тарафҳо Тарафи дигарро аз нияти соқит кардани эътибори он ба таври хаттӣ шаш моҳ пеш аз хотимаи муддати муқаррар огоҳ насозад.

Дар шаҳри Душанбе « 2 » сентябри соли 2003 дар ду нусха, ҳар кадом ба забонҳои хитой, тоҷикӣ ва русӣ, ки ҳар се матн эътибори яксон доранд, ба таҳрир омад. Дар сурати ихтилоф дар тафсири се матни ин Созишнома, матни русӣ мавриди эътимод қарор мегирад.

**АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТИ**
**ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ**

**ЛИ ЧЖАОСИН**
***Вазири корҳои хориҷӣ***

李肇星

**АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Т. НАЗАРОВ**
***Вазири корҳои хориҷӣ***

